«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Сардори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., дотсент, генерал-майори милитсия
_______________ Насуриён П.А.
«03» 06 _____________ соли 2026

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи докторанти фалсафа (PhD) Рустамзода Садам Рустам дар мавзуи «Ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии озодии ҷинсӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D030300-Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301-Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) пешниҳод шудааст**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Диссертатсияи докторанти фалсафа (PhD) Рустамзода Садам Рустам дар мавзуи «Ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии озодии ҷинсӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D030300-Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301-Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) пешниҳод гардидааст, аз рӯйи самти илмӣ, предмет, мақсад ва муҳтавои таҳқиқот ба доираи масъалаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пурра мутобиқат менамояд. Мавзуи интихобшуда ба масъалаҳои назариявӣ ва амалии танзими ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ, инчунин ба масъалаҳои бандубасти дурусти чунин кирдорҳо ва такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудааст.

Мазмун ва самти умумии диссертатсия ба талаботи шиносномаи ихтисоси 6D030300-Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301-Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) мувофиқ буда, масъалаҳои таҳқиқшуда ба самтҳои муҳимми илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, аз ҷумла тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии таркиби ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ҷинсӣ, фарқгузории таркибҳои ҳамҷавор, омӯзиши аломатҳои объективӣ ва субъективӣ, таҳлили аломатҳои вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунандаи ин ҷиноятҳо, инчунин таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузорӣ дахл доранд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар шароити муосири рушди ҷомеа масъалаи ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии озодии ҷинсии шахсият аҳаммияти махсус пайдо менамояд. Ҳуқуқ ба озодӣ, дахлнопазирии шахсӣ, обрӯ ва

эътибор ва худмуайянкунии инсон аз ҷумлаи арзишҳои бунёдие мебошанд, ки давлат уҳдадор аст онҳоро бо тамоми воситаҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла бо воситаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳифз намояд. Ҷиноятҳои дорои хусусияти ҷинсӣ, махсусан таҷовуз ба номус ва дигар ҳаракатҳои зӯроваронаи дорои хусусияти шаҳвонӣ, на танҳо ба озодии ҷинсӣ, балки ба саломатии ҷисмонӣ ва равонӣ, обрӯ ва эътибор, амнияти шахсӣ ва ҳаёти иҷтимоии ҷабрдида зарари вазнин мерасонанд.

Мубрамияти таҳқиқоти мазкур бо он асоснок мегардад, ки дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои марбут ба фарқгузории мафҳумҳои «озодии ҷинсӣ» ва «дахлнопазирии ҷинсӣ», ҳудуди татбиқи моддаҳои 138–142 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, меъёрҳои муайян намудани ризоияти ҷабрдида, истифодаи ҳолати нотавонӣ, инчунин тартиби фарқгузории таҷовуз ба номус аз дигар ҷиноятҳои ҳаммонанди ҷинсӣ то ҳол дорои хусусияти баҳсталаб мебошанд. Дар амалияи тафтишӣ ва судӣ низ на ҳама вақт меъёрҳои мазкур якхел тафсир ва татбиқ мегарданд, ки ин метавонад ба бандубасти нодуруст, нобаробарии амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ва паст шудани самаранокии ҳифзи ҳуқуқи ҷабрдидагон оварда расонад.

Масъалаи мазкур дар шароити афзоиши таваҷҷуҳи миллӣ ва байналмилалӣ ба ҳифзи занон, кӯдакон ва дигар гурӯҳҳои осебпазир аз зӯроварии ҷинсӣ аҳаммияти боз ҳам бештар пайдо мекунад. Қонунгузории миллӣ дар солҳои охир дар самти пурзӯр намудани ҷавобгарӣ барои кирдорҳои зидди дахлнопазирии ҷинсӣ тағйир ёфтааст, аммо ин тағйиротҳо ҳамзамон таҳлили амиқи назариявӣ ва амалиро талаб менамоянд. Аз ин рӯ, таҳқиқи ҳамаҷонибаи ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии озодии ҷинсӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, мавзуи диссертатсияи Рустамзода Садам Рустам ба масъалаҳои муҳим ва ҳалталаби илми ҳуқуқи ҷиноятӣ бахшида шуда, ба эҳтиёҷоти воқеии рушди қонунгузории ҷиноятӣ ва такмили амалияи ҳуқуқтатбиқнамоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

**Дараҷаи асоснокии гузориши илмӣ, хулосаю пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.**

Дараҷаи асоснокии гузориши илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои диссертант дар сатҳи зарурии илмӣ қарор дорад. Муаллиф мақсад ва вазифаҳои таҳқиқро ба таври возеҳ муайян намуда, таҳқиқоти худро ба таҳлили мукаммали қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи ҳуқуқтатбиқнамоӣ, адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин таҳлили муқоисавии қонунгузории як қатор давлатҳои хориҷӣ асос намудааст.

Дар кори диссертатсионӣ усулҳои гуногуни таҳқиқ, аз ҷумла усулҳои диалектикӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, низомнокӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таҳлили догматикии ҳуқуқӣ ва таҳлили амалияи судӣ истифода шудаанд. Бо такя ба ин методология, диссертант масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ,

аз ҷумла мафҳуми озодии ҷинсӣ, ҷойгоҳи дахлнопазирии ҷинсӣ дар низоми объектҳои ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, таърихи рушди қонунгузории миллӣ оид ба ҳифзи озодии ҷинсӣ, хусусиятҳои ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятии озодии ҷинсӣ дар давлатҳои хориҷӣ, аломатҳои объективӣ ва субъективии таҷовуз ба номус, инчунин меъёрҳои фарқгузории он аз дигар ҷиноятҳои ҳаммонанди ҷинсиро таҳлил намудааст.

Асоси эмпирикии таҳқиқотро маводди амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ, аз ҷумла маълумоти оморӣ ва маводди парвандаҳои ҷиноятӣ ташкил медиҳанд. Истифодаи чунин мавод имконият додааст, ки хулосаҳои назариявии муаллиф бо талаботи амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ пайваст карда шаванд. Пешниҳодҳои диссертант оид ба такмили моддаҳои 138 ва 139 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла ворид намудани унсури набудани ризоияти озодона ва арзёбии он дар заминаи тамоми ҳолатҳои воқеӣ, бо мантиқи умумии таҳқиқ мувофиқ буда, дорои асоси илмӣ ва амалии қобили қабул мебошанд.

Хулосаҳои муаллиф пайдарҳам, мантиқӣ ва бо мазмуни таҳқиқот алоқаманд мебошанд. Дар маҷмуъ, пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда метавонанд барои такмили қонунгузории ҷиноятӣ, баланд бардоштани дақиқии бандубасти ҷиноятҳои дорои хусусияти ҷинсӣ ва таъмини ҳифзи самараноки ҳуқуқу манфиатҳои қонунии ҷабрдидагон истифода шаванд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳияти натиҷаҳои гирифташуда.**

Навгонии илмии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки муаллиф масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии озодии ҷинсии шахсиятро дар доираи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври комплексӣ ва низомнок таҳқиқ намудааст. Дар таҳқиқот кӯшиш шудааст, ки мафҳумҳои калидии «озодии ҷинсӣ» ва «дахлнопазирии ҷинсӣ» аз нуқтаи назари ҳуқуқи ҷиноятӣ дақиқ гардонида шуда, таносуби байни онҳо ба таври назариявӣ асоснок карда шавад.

Аз ҷумла, арзиши илмии кор дар пешниҳоди мавқеи муаллифӣ оид ба он зоҳир мегардад, ки дар ҳолати оҷизӣ ё нотавонии шахс категорияи озодии ҷинсӣ аҳаммияти амалии худро аз даст дода, ҳифзи ҳуқуқӣ бояд, пеш аз ҳама аз мавқеи дахлнопазирии ҷинсӣ таъмин карда шавад. Ин андеша барои фаҳмиши дурусти объекти ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва барои бандубасти ҳолатҳои вобаста ба истифодаи ҳолати нотавонии ҷабрдида аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Нововарии илмӣ, инчунин, дар таҳлили муқоисавии ду модели танзими ҷиноятҳои ҷинсӣ: модели анъанавии ба зӯроварӣ ва таҳдид асосёфта ва модели муосири ба ризоияти ихтиёрӣ асосёфта ифода меёбад. Муаллиф нишон медиҳад, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мутобиқсозӣ ба стандартҳои муосири ҳифзи ҳуқуқи инсон боз ҳам такмил дода шавад. Дар ин замина пешниҳодҳои мушаххас оид ба ворид намудани унсури набудани ризоият ба диспозитсияҳои дахлдор мантиқан асоснок карда шудаанд.

Саҳеҳият ва боэътимодии натиҷаҳои бадастомада бо истифодаи усулҳои илмии пазируфташуда, таҳлили қонунгузории амалкунанда, омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ, маводди амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ва нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар мақолаҳои илмӣ таъмин гардидааст. Натиҷаҳои илмии таҳқиқ дар нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии диссертатсия таҷассум ёфта, бо талаботи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва вазифаҳои такмили қонунгузории миллӣ мувофиқат мекунанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.**

Аҳаммияти илмии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои он ба рушди минбаъдаи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар самти омӯзиши ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсии шахсият мусоидат менамоянд. Дар таҳқиқот мафҳумҳои асосӣ вобаста ба ҷиноятҳои ҷинсӣ, аз ҷумла, мафҳумҳои озодии ҷинсӣ, дахлнопазирии ҷинсӣ, ризоият, ҳолати оҷизӣ ва ҷабрдида аз ҷиноятҳои дорои хусусияти ҷинсӣ таҳлил ва мушаххас карда шудаанд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф метавонанд дар фаъолияти мақомоти тафтишотӣ, прокуратура, судҳо ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳангоми бандубасти ҷиноятҳои дорои хусусияти ҷинсӣ истифода шаванд. Пешниҳодҳои таҳияшуда ба таъмини ягонагии амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ, кам кардани хатогиҳо дар фарқгузории таркибҳои ҳамҷавор ва баланд бардоштани ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои ҷабрдидагон мусоидат карда метавонанд.

Маводди диссертатсия, инчунин метавонад дар раванди таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ, ҳангоми омӯзиши фанҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, асосҳои илмии бандубасти ҷиноятҳо ва курсҳои махсуси марбут ба ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ истифода шавад.

Аҳаммияти иҷтимоии натиҷаҳои таҳқиқ бо он муайян мегардад, ки такмили қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ дар ин самт ба таҳкими кафолатҳои ҳифзи шахсият, баланд бардоштани эътимоди шаҳрвандон ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, пешгирии зӯроварии ҷинсӣ ва коҳиш додани латентнокии чунин ҷиноятҳо мусоидат менамояд.

Аҳаммияти иқтисодӣ бошад, дар он зоҳир мегардад, ки пешгирии ҷиноятҳои зӯроваронаи дорои хусусияти ҷинсӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ метавонад хароҷоти иҷтимоӣ ва давлатӣ барои бартараф намудани оқибатҳои чунин кирдорҳоро коҳиш диҳад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.**

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионии Рустамзода Садам Рустам бо истифодаи маҷмӯи усулҳои умумилмӣ ва махсуси ҳуқуқшиносӣ таъмин гардидааст. Муаллиф дар раванди таҳқиқ аз

усулҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, системавӣ, таҳлили ҳуқуқӣ ва мантиқӣ истифода намуда, масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсиро ҳамаҷониба мавриди омӯзиш қарор додааст.

Илова бар ин, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ бо он тақвият меёбад, ки муаллиф масъалаҳои назариявиро бо мушкилоти воқеии амалияи тафтишотӣ ва судӣ пайваст намуда, танҳо ба таҳлили меъёрҳои қонунгузорӣ маҳдуд нашудааст. Дар диссертатсия ҳолатҳои баҳсталаби бандубасти таҷовуз ба номус, муайян намудани ҳолати оҷизии ҷабрдида, фарқгузории ин ҷиноят аз дигар ҷиноятҳои ҳаммонанди ҷинсӣ ва зарурати такмили меъёрҳои амалкунанда бо далелҳои ҳуқуқӣ асоснок карда шудаанд. Ин равиш нишон медиҳад, ки хулосаҳои муаллиф хусусияти назариявии холис надошта,. ба эҳтиёҷоти амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ нигаронида шудаанд.

Дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ бо таҳлили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан меъёрҳои марбут ба ҷиноятҳои зидди озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ, инчунин бо омӯзиши таҷрибаи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ва мавқеъҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ тасдиқ мегардад. Муаллиф хулосаҳои худро бо таҳлили назариявӣ, муқоисаи қонунгузории давлатҳои хориҷӣ ва баррасии масъалаҳои амалии бандубасти ҷиноятҳои ҷинсӣ асоснок намудааст.

Асоси эмпирикии таҳқиқро маводди фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судӣ, маълумоти оморӣ ва таҳлили зиёда аз 30 парвандаи ҷиноятӣ оид ба ҷиноятҳо ба муқобили дахлнопазирии ҷинсӣ ташкил медиҳанд. Истифодаи чунин мавод имкон додааст, ки натиҷаҳои илмии бадастомада на танҳо аз ҷиҳати назариявӣ, балки аз нуқтаи назари амалӣ низ асоснок гарданд.

Хулосаҳо ва пешниҳодҳои муаллиф, аз ҷумла оид ба такмили моддаҳои 138 ва 139 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дақиқ намудани мафҳумҳои «озодии ҷинсӣ» ва «дахлнопазирии ҷинсӣ», инчунин ворид намудани унсури набудани ризоият, аз мазмуни таҳқиқ бармеоянд ва бо мақсаду вазифаҳои гузошташуда мувофиқат мекунанд.

Ҳамин тариқ, дараҷаи эътимоднокӣ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ дар сатҳи зарурии илмӣ қарор дошта, натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар такмили қонунгузории ҷиноятӣ, амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ва таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ истифода шаванд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.**

Саҳми шахсии Рустамзода Садам Рустам дар таҳқиқи диссертатсионӣ дар мустақилона интихоб ва асоснок намудани мавзуъ, муайян кардани мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқ, инчунин таҳияи хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмӣ ифода меёбад.

Муаллиф мафҳумҳои асосии мавзуъ, аз ҷумла «озодии ҷинсӣ» ва «дахлнопазирии ҷинсӣ»-ро таҳлил намуда, таносуб ва фарқияти онҳоро аз нуқтаи назари ҳуқуқи ҷиноятӣ муайян кардааст. Саҳми шахсии довталаб

махсусан дар пешниҳод намудани таърифи муаллифии дахлнопазирии ҷинсӣ, таҳлили ҳолати оҷизии ҷабрдида ва нишон додани аҳаммияти он барои бандубасти ҷиноятҳои ҷинсӣ зоҳир мегардад.

Довталаб мустақилона қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷрибаи як қатор давлатҳои хориҷиро оид ба ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ мавриди таҳлил қарор дода, имконияти истифодаи таҷрибаи мусбатро барои такмили қонунгузории миллӣ асоснок намудааст.

Ҳамчунин, Рустамзода С.Р. аломатҳои объективӣ ва субъективии таҷовуз ба номус, ҳолатҳои вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунанда, инчунин меъёрҳои фарқгузории онро аз дигар ҷиноятҳои ҳаммонанди ҷинсӣ таҳлил кардааст. Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқ муаллиф пешниҳодҳои мушаххас оид ба такмили моддаҳои 138 ва 139 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла ворид намудани унсури набудани ризоият ва дақиқ намудани доираи ҷабрдида, пешниҳод намудааст.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқ дар мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳои довталаб дар конфронсҳои илмӣ инъикос ёфтаанд. Ҳамин тариқ, саҳми шахсии Рустамзода Садам Рустам дар таҳқиқи диссертатсионӣ назаррас буда, дорои хусусияти мустақили илмӣ ва асоснок мебошад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионии Рустамзода Садам Рустам дар 6 мақолаи илмӣ инъикос гардидаанд. Аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ ба нашр расидаанд.

Дар мақолаҳои нашршуда масъалаҳои асосии мавзуъ, аз ҷумла таҳлили аломатҳои вазнинкунандаи таҷовуз ба номус, таърихи рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ, масоили фарқгузории таҷовуз ба номус аз дигар ҷиноятҳои ҳаммонанди ҷинсӣ, таҳлили аломатҳои субъективии таҷовуз ба номус, мафҳум ва нишонаҳои озодии ҷинсӣ, инчунин таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои марбут ба озодии ҷинсӣ дар давлатҳои хориҷӣ баррасӣ шудаанд.

Теъдод ва сатҳи маводди чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, пурра мутобиқ мебошад.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.**

Диссертатсияи Рустамзода Садам Рустам дар мавзуи «Ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии озодии ҷинсӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти анҷомёфта, мустақил ва дорои аҳаммияти назариявию амалӣ мебошад. Мазмуни диссертатсия ба мақсад ва вазифаҳои гузошташуда

мутобиқат намуда, масъалаҳои асосии марбут ба ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсии шахсиятро дар доираи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон фаро мегирад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи масъала, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмети он, асосҳои назариявӣ, методологӣ ва эмпирикӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, инчунин нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба таври пайдарҳам ва мантиқӣ баён гардидаанд. Муаллиф зарурати таҳқиқро бо тағйирёбии қонунгузории ҷиноятӣ, мушкилоти бандубасти ҷиноятҳои ҷинсӣ, сатҳи баланди латентии чунин кирдорҳо ва зарурати мутобиқ намудани амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ба стандартҳои муосири ҳифзи ҳуқуқи инсон асоснок менамояд.

**Сохтори рисолаи илмӣ** бо мантиқи вазифаҳои гузошташудаи таҳқиқот муайян гардида, аз феҳристи ихтисорот ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб ва ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо ва феҳристи адабиёт (манбаъҳо) иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 186 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи он, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмет, асосҳои назариявӣ, методологӣ ва эмпирикӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, дараҷаи эътимоднокӣ, саҳми шахсии довталаб ва маълумот оид ба тасвиб ва интишороти натиҷаҳо баён гардидааст.

**Боби якум** таҳти унвони «Таърихи ташаккул ва таҳқиқи муқоисавии ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии озодии ҷинсӣ: мафҳум, ҷанбаҳои таърихӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» ба таҳлили назариявии мафҳуми озодии ҷинсӣ, таърихи рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳлили муқоисавии қонунгузории давлатҳои хориҷӣ бахшида шудааст. Дар ин боб муаллиф заминаҳои мафҳумӣ ва таърихии таҳқиқро муайян намуда, нишон медиҳад, ки ҳифзи озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ дар низоми ҳуқуқи ҷиноятӣ бо масъалаҳои мураккаби назариявӣ ва ҳуқуқтатбиқӣ алоқаманд аст.

Муаллиф баён медорад, ки «дар амалия ҳангоми бандубасти ҷиноятҳои ҷинсӣ мушкилоти ҷиддӣ ба миён меоянд, ки онҳо бо норавшании иборабандии меъёрҳои қонунгузорӣ, норасоии тавсияҳои методӣ оид ба татбиқи онҳо, инчунин бо хатоҳое, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судҳо ҳангоми тафтиш ва баррасии парвандаҳо роҳ медиҳанд, алоқаманд мебошанд. Ҷабрдидагони чунин ҷиноятҳо, аз сабаби эҳсоси шарм ва тарс, аксаран дарҳол ҷуръат намекунанд дар бораи воқеаи рухдода хабар диҳанд, ки ин ба аз даст рафтани далелҳо ва нишонаҳои муҳим оварда мерасонад» (саҳ.24).

**Боби дуюм** «Тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии таҷовуз ба номус» ном дошта, дар он аломатҳои объективӣ ва субъективии таҷовуз ба номус таҳлил шудаанд. Муаллиф объекти бевосита, тарафи объективӣ, усулҳои

содир намудани ҷиноят, аз ҷумла истифодаи зӯроварӣ, таҳдид ва ҳолати оҷизии ҷабрдида, инчунин шакли гуноҳ, мақсад ва ангезаи кирдорро баррасӣ менамояд.

Муаллиф ба таври асоснок зикр месозад, ки «дараҷаи баланди хавфнокии ҷамъиятии ин ҷиноят бо он шарҳ дода мешавад, ки он оқибатҳои вазнини манфиро ҳам барои ҷабрдида ва ҳам барои ҷомеа дар маҷмуъ ба бор меорад (саҳ. 63).

Дар доираи таҳлили тарафи объективии ҷиноят муаллиф ба усулҳои содир намудани таҷовуз ба номус таваҷҷуҳи махсус медиҳад. Аз ҷумла, истифодаи зӯроварӣ, таҳдиди истифодаи зӯроварӣ нисбат ба ҷабрдида ё наздикони ӯ, инчунин истифода аз ҳолати оҷизии ҷабрдида ҳамчун аломатҳои муҳимми тарафи объективии ин ҷиноят баррасӣ мешаванд. Муаллиф таъкид менамояд, ки зӯроварӣ набояд танҳо ба расонидани зарари ҷисмонӣ маҳдуд карда шавад; он метавонад шаклҳои гуногун дошта бошад ва ба ҳолати равонӣ, ирода ва имконияти муқовимати ҷабрдида низ таъсир расонад.

Дар таҳқиқот ҳолати оҷизии ҷабрдида низ ба таври васеъ таҳлил шудааст. Муаллиф онро яке аз аломатҳои муҳимми ҳуқуқӣ-ҷиноятии таҷовуз ба номус мешуморад, зеро дар чунин вазъ ҷабрдида наметавонад хусусият ва аҳаммияти амалҳои нисбат ба ӯ содиршавандаро пурра дарк намояд ё ба гунаҳгор муқовимат нишон диҳад. Ҳолати оҷизӣ метавонад бо синну сол, бемории ҷисмонӣ ё равонӣ, беҳушӣ, мастӣ, ҳолати тарс, нотавонии ҷисмонӣ ё дигар омилҳо вобаста бошад. Дар диссертатсия таъкид мегардад, ки вазъи оҷизӣ бояд бо дарназардошти ҳам омилҳои объективӣ ва ҳам дарки субъективии гунаҳгор аз ин ҳолат муайян карда шавад, зеро он мумкин аст аз ҷониби гунаҳгор низ ба вуҷуд оварда шавад (мастӣ аз машрубот, вобастагӣ аз маводни нашъадор, таъсир расонидан ба организм тавассути заҳрҳои тиббӣ ё дигар моддаҳои қавӣ) (саҳ.86).

**Боби сеюм** таҳти унвони «Аломатҳои вазнинкунандаи таҷовуз ба номус ва фарқи он аз дигар ҷиноятҳои ҳамҷавор» ба таҳлили аломатҳои вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунанда, инчунин масъалаҳои фарқгузории таҷовуз ба номус аз дигар ҷиноятҳои ҳаммонанди ҷинсӣ бахшида шудааст. Дар ин боб меъёрҳои фарқгузорӣ, мушкилоти бандубаст ва роҳҳои беҳтар намудани амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар таҳқиқот гуногуншаклии аломатҳои вазнинкунандаи таҷовуз ба номус дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории як қатор давлатҳои хориҷӣ мавриди таҳлил ва муқоиса қарор гирифтааст. Барои осон намудани таҳлили ин аломатҳо муаллиф аломатҳои мазкурро вобаста ба қисмҳои сохтории таркибҳои ҳуқуқӣ- ҷиноятӣ ба гуруҳҳо тақсим намудааст.

Муаллиф ба таври асоснок зикр намудааст, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ ду навъи ҳолатҳое вуҷуд доранд, ки ҷавобгариро вазнин мекунанд. Қисме аз онҳо ҳангоми таъйини ҷазо аҳаммият доранд, қисми

дигар бошад ҳамчун аломатҳои таркиби мушаххаси ҷиноят баромад намуда, ба бандубасти кирдор таъсир мерасонанд (саҳ.111).

Дар маҷмуъ, диссертатсия ҳамчун таҳқиқоти анҷомёфта, мустақил ва дорои арзиши илмӣ арзёбӣ мегардад. Мазмуни кор ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои гузошташуда мутобиқ буда, қисмҳои он бо ҳам пайвастагии мантиқӣ доранд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Рустамзода Садам Рустам аз рӯйи сохтор, мазмун, тарзи пешниҳоди натиҷаҳо, мавҷудияти хулосаҳо ва тавсияҳои амалии таҳқиқот ба талаботи муқарраргардидаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Автореферат мазмуни асосии диссертатсияро инъикос намуда, дар он мақсад, вазифаҳо, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳо, тавсияҳо ва маълумот оид ба интишороти илмии довталаб ба таври кофӣ ифода ёфтаанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Таҳқиқоти анҷомдодаи Рустамзода Садам Рустам аз рӯйи мазмун ва самти илмӣ ба ихтисоси дархостшаванда 6D030300-Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301-Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) мувофиқат менамояд. Довталаб дар раванди таҳқиқ қобилияти мустақилона таҳлил намудани масъалаҳои мураккаби назариявӣ ва амалӣ, истифодаи усулҳои илмӣ ва пешниҳоди хулосаҳои асоснокро нишон додааст. Аз ин ҷиҳат, тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмии дархостшаванда мувофиқ мебошад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.**

Новобаста аз дастовардҳои илмӣ, асоснокии хулосаҳо ва аҳаммияти назариявию амалии диссертатсия, дар кори мазкур баъзе масъалаҳои баҳсталаб ва норасоиҳои ҷузъӣ ба назар мерасанд, ки онҳо сифати умумии илмии таҳқиқотро коста намегардонанд ва метавонанд дар таҳқиқоти минбаъдаи муаллиф ба инобат гирифта шаванд:

1. Дар диссертатсия муаллиф мафҳумҳои «озодии ҷинсӣ» ва «дахлнопазирии ҷинсӣ»-ро яке аз масъалаҳои марказии таҳқиқ қарор дода, таърифи муаллифии дахлнопазирии ҷинсиро пешниҳод менамояд. Аз ҷумла, дахлнопазирии ҷинсӣ ҳамчун манъи мутлақи ҳуқуқии дахолат ба соҳаи ҷинсии шахсе маънидод мешавад, ки ҳанӯз озодии ҷинсиро соҳиб нашудааст ё имконияти амалӣ намудани онро аз даст додааст (саҳ.17). Бо вуҷуди ин, чунин муносибат дар баъзе ҳолатҳо ниёз ба дақиқсозии бештар дорад, зеро дар амалия муайян намудани лаҳза ва асосҳое, ки шахс «имконияти амалӣ намудани озодии ҷинсӣ»-ро аз даст медиҳад, метавонад баҳснок бошад. Масалан, ҳолатҳои мастӣ, фишори равонӣ, тарси шадид, бемории ё вобастагии иҷтимоӣ на ҳамеша бо як меъёри ягона арзёбӣ мешаванд. Бинобар ин, мувофиқи мақсад мебуд, ки муаллиф

меъёрҳои мушаххаси ҳуқуқӣ ва амалии муайян намудани чунин ҳолатҳоро равшантар пешниҳод мекард.

2. Дар диссертатсия ба масъалаи ворид намудани мафҳуми «ризоият» ба таркиби таҷовуз ба номус диққати ҷиддӣ дода шудааст. Муаллиф пешниҳод менамояд, ки моддаи 138 КҶ ҶТ бо ибораи «дар ҳолати набудани ризоияти ӯ, ки ба таври озод иброз гардида, дар заминаи тамоми ҳолатҳои воқеии атроф арзёбӣ карда мешавад» пурра карда шавад (саҳ.19). Ин пешниҳод ба стандартҳои муосири байналмилалӣ наздик мебошад, аммо дар шакли пешниҳодшуда барои амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ то андозае умумӣ боқӣ мемонад. Аз ҷумла, равшан нест, ки «ризоияти озод» аз ҷониби мақомоти тафтишӣ ва судӣ бо кадом меъёрҳо муайян карда мешавад, кадом ҳолатҳо ризоиятро истисно мекунанд ва дар кадом ҳолатҳо хомӯшӣ, тарс, муносибати вобастагӣ ё набудани муқовимати ҷисмонӣ набояд ҳамчун ризоият арзёбӣ гардад.Вобаста ба ин аз муаллиф хоҳиш карда мешавад, ки зарурати ворид намудани чунин пешниҳодро ҳангоми ҳимояи рисола мушаххастар асоснок менамуд.

3. Дар диссертатсия таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории давлатҳои хориҷӣ, аз ҷумла Россия, Беларус, Қирғизистон, Қазоқистон, Британияи Кабир ва баъзе давлатҳои дигар анҷом дода шудааст. Муаллиф ду модели асосиро ҷудо мекунад: модели зӯроварона, ки барои аксари давлатҳои пасошуравӣ хос аст, ва модели ризоиятӣ, ки дар кишварҳои Аврупои Ғарбӣ паҳн гардидааст (саҳ.56). Бо вуҷуди ин, дар баъзе мавридҳо таҳлили муқоисавӣ бештар тавсифӣ буда, на ҳамеша нишон медиҳад, ки кадом унсурҳои таҷрибаи хориҷӣ воқеан ба шароити ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқанд.

Эродҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ ва баҳсталаб дошта, ба арзиши умумии илмӣ, назариявӣ ва амалии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраршуда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 6D030301 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ таҳия гардида мазмуни асосии кори таҳқиқро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назаррасӣ илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.**

Диссертатсияи Рустамзода Садам Рустам дар мавзуи «Ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии озодии ҷинсӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти мустақил, анҷомёфта ва дорои аҳаммияти назариявию амалӣ мебошад. Дар он масъалаҳои муҳим ва баҳсталаби ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба ҳифзи озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор гирифта, хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмӣ асоснок таҳия шудаанд.

Диссертатсия аз ҷиҳати мазмун, сохтор, навгонии илмӣ, сатҳи асоснокии хулосаҳо ва аҳаммияти амалии натиҷаҳо ба талаботи муқарраргардидаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи диссертатсия Рустамзода Садам Рустам бо назардошти натиҷаҳои бадастомада ва хулосаҳои илмии пешниҳодшуда сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030300-Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301-Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) дониста мешавад.

Тақризи муассисаи пешбар мутобиқи муқаррароти бандҳои 76–79 ва 81 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Диссертатсия ва автореферат дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Суратҷаласаи семинари васеи илмӣ-назариявӣ таҳти №11 аз 3-юми июни соли 2026.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби Заробидинзода Сулаймон Заробидин – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ (аз рӯйи ихтисоси 12.00.08), сардори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҷаласаи кафедра баррасӣ, муҳокима ва ҷонибдорӣ шудааст. Дар ҷаласаи кафедра аз 15 нафар иштирок доштанд: 15 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 15, «зид» – нест, «бетараф» – нест. Суратҷаласаи кафедра аз 3-юми июни соли 2026, №11.

**Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ:**
Профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ,
криминология ва психологияи факултети №2
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
подполковники милитсия Аҳёзода Ш.Т.

**Ташхисгар:**
Сардори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ,
криминология ва психологияи факултети №2
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
подполковники милитсия Заробидинзода С.З.

**Котиби ҷаласа:**
Муаллими кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ,
криминология ва психологияи факултети №2
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
капитани милитсия Анвариён Ш.Ш.

**«Имзои Аҳёзода Ш.Т., Заробидинзода С.З. ва котиби ҷаласа Ш.Ш. Анвариёнро тасдиқ менамоям»**

Сардори шуъбаи кадрҳои Академияи
ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
подполковники милитсия Саидзода А.Р.

«03» 06 соли 2026

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаи давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон», 734012, ш. Душанбе, кӯчаи М. Мастонгулов 3; Тел.: (+992 37) 226-28-01; факс: (+992 37) 226-60-43. Веб сайт: www.avkd.tj. E-mail: academia@vkd.tj